«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии Данғара
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
_______________Хайрзода Ш.Қ.
«_15_»___03_________ с.2025

**Хулосаи**
**Донишгоҳи давлатии Данғара**

Ба кори диссертатсионии Холаҳмадзода Искандар Холаҳмад дар мавзуи "Хусусиятҳои ташаккул ва рушди низоми қарздиҳии имтиёзноки корхонаҳои кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иктисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз.

Холаҳмадзода Искандар Холаҳмад, соли таваллуд 23.02.1997, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон. Соли 2020 мавсуф Донишгоҳи давлатии Данғараро бо гирифтани касби иқтисодчӣ-барномасоз, муҳандис хатм намудааст. Ҳоло унвонҷӯйи курси панҷуми Донишгоҳи давлатии Данғара мебошад.

Холаҳмадзода Искандар Холаҳмад аз соли 2019 инҷониб ба ҳайси мутахассиси қарз дар ҶСП ТАКҲ Хумо дар н. Данғара фаъолият карда истодааст.

Аз соли 2020 инҷониб ба ҳайси унвонҷӯй дар кафедраи молия ва фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии Данғара аз рӯи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз таҳсил карда истодааст.

Мавзуи диссертатсияи Холаҳмадзода Искандар Холаҳмад бо қарори Шурои олимони Донишгоҳи давлатии Данғара аз 31 августи соли 2020 №01 тасдиқ карда шудааст.

Дар асоси супоридани имтиҳонҳои номзадӣ аз тарафи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, шаҳодатнома оид ба супоридани имтиҳонҳои номзадӣ мавҷуд аст. Имтиҳонҳо аз фаннҳои таърих ва фалсафаи илм - 4 (хуб), забони хориҷӣ (англисӣ) - 4 (хуб) ва имтиҳон аз рӯи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз бо баҳои 5 (аъло) дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон супорида шудаанд.

**Роҳбари илмӣ:** Каримов Баҳодур Ҳасанович – н.и.и., дотсенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.

Дар натиҷаи муҳокимаи диссертатсия дар мавзуи "Хусусиятҳои ташаккул ва рушди низоми қарздиҳии имтиёзноки корхонаҳои кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" чунин хулосаҳо бароварда шуд:

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мубрамӣ ва зарурати баргузории таҳқиқот.** Кишоварзӣ имрӯз соҳаи муҳимтарин ва афзалиятноки иқтисодиёти миллӣ буда, саҳми он дар таъмини аҳолии кишвар бо маҳсулоти хӯрока ва амнияти озуқаворӣ назаррас аст.

Корхонаҳои кишоварзӣ ҳамчун истеҳсолкунандаи ҳиссаи бештари неъматҳои моддӣ ба баланд шудани сатҳи зиндагии ҷомеа мусоидат карда, ҳамзамон соҳаҳои гуногуни саноати коркардро бо ашёи хоми табиӣ таъмин менамоянд. Маҳсулоти тайёри кишоварзӣ ва маҳсулоти саноатӣ, ки аз ашёи хоми кишоварзӣ истеҳсол мешаванд, ҳиссаи аз ҳама зиёди бозори молҳои истеъмолиро дар мамлакат ташкил медиҳанд. Вале барои рушди муносиби соҳаи кишоварзӣ маблағҳои назаррас лозим мебошанд, ки раванди истеҳсолоти кишоварзиро бо воситаҳои асосӣ ва гардон таъмин мекунанд ва норасоии онҳо дар фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ ҳамчун мушкилоти доимӣ зоҳир мешавад.

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқот коркарди ҷанбаҳои назариявию методӣ ва тавсияҳои амалӣ оид ба ташаккул ва рушди низоми қарздиҳии имтиёзноки корхонаҳои кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Дар диссертатсия вазифаҳое иҷро карда мешаванд, ки ба мақсади зикршуда мувофиқанд, чун:

1. Таҳқиқи раванди таҳаввули муносибатҳои қарзии корхонаҳои кишоварзӣ бо бонкҳо ва ҷанбаҳои назариявию методологии қарзи кишоварзӣ ва муҳтавои иқтисодии он.
2. Тасдиқи зарурати қарздиҳии имтиёзноки истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ дар шароити ноустувории молиявии соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон.
3. Омӯзиши хусусиятҳои механизми амалкунандаи қарздиҳии имтиёзноки кишоварзӣ, муайян кардани мушкилоти асосии қарздиҳии имтиёзноки корхонаҳои кишоварзӣ ва роҳҳои ҳалли онҳо.
4. Таҳлили таҷрибаи хориҷии қарздиҳии имтиёзноки соҳаи кишоварзӣ ва арзёбии имконияти истифодаи он ҷиҳати ҳамгирой бо низомҳои ҷаҳонии қарзӣ дар қарздиҳии имтиёзноки корхонаҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон.
5. Муайян кардани самтҳои рушди қарздиҳии имтиёзноки корхонаҳои кишоварзии Ҷукмҳурии Тоҷикистон дар асоси дастгирии молиявии давлатӣ.
6. Арзёбии мушкилоти асосии ташкили низоми қарздиҳии имтиёзноки кишоварзӣ ва муайян кардани роҳҳои муносиби ҳалли онҳо.

**Объекти таҳқиқоти диссертатсионӣ** амалияи қарздиҳии корхонаҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Фарзияи таҳқиқот.** Фарзияи таҳқиқот ба он асос меёбад, ки ташаккули низоми қарздиҳии имтиёзноки корхонаҳои кишоварзӣ бо ҷалби дастгирии молиявии давлатӣ дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ роҳи нисбатан муносиби рушди иқтисодии соҳаи кишоварзӣ буда, ба таҳкими рақобатпазирии истеҳсолоти кишоварзӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ, афзоиши некуаҳволии аҳолии мамлакат ва рушди босуботи иқтисодиёти миллӣ мусоидат мекунад.

**Асоси назариявӣ ва методологии таҳқиқот.** Диссертатсия ба асарҳои муҳаққиқони хориҷию ватанӣ, ки ба омӯзиши мушкилоти назариявию методологии ташаккули низоми қарздиҳии имтиёзноки соҳаи кишоварзӣ бахшида шудаанд, асос меёбад. Дар таҳқиқот усулҳои илмии мантиқӣ, таҳлилӣ, иқтисодӣ-оморӣ, иқтисодӣ-риёзӣ, графикӣ, коршиносӣ, истисно, муқоиса ва дигарҳо истифода шудаанд.

**Пойгоҳи асосии иттилоотӣ ва озмоишии таҳқиқот.** Диссертатсия дар солҳои 2021-2025 дар кафедраи молия ва фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии Данғара анҷом дода шудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар асоснок кардани ҷанбаҳои назариявию методологӣ ва таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба ташкили низоми қарздиҳии имтиёзноки соҳаи кишоварзӣ дар асоси дастгирии давлатӣ дар шароити норасоии захираҳои молиявии корхонаҳои кишоварзӣ ифода меёбад. Ҳамчун натиҷаҳои муҳими кор, ки навгонии илмӣ доранд, чунин нуктаҳо қайд карда мешаванд:

1. Раванди таҳаввули муносибатҳои молиявию қарзии корхонаҳои кишоварзӣ бо бонкҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳои молиявӣ, ҷанбаҳои асосии назариявию методологии қарзи кишоварзӣ таҳқиқ шуда, дар асоси арзёбии онҳо мухтавои иқтисодии мафҳуми қарзи кишоварзӣ муайян карда шуда, мафҳумҳои дигари бо қарз вобаста, чун: ҳадаф, вазифа, принсипҳо, субъект, объект ва намудҳои қарз, захираҳои қарзӣ дар алоқамандӣ бо мафҳуми механизми қарздиҳӣ аниқ карда шудаанд.

2. Дар асоси омӯзиши фаъолият ва таҳлили вазъи молиявии корхонаҳои кишоварзӣ, ҳамчунин арзёбии имконияти молиявии онҳо барои таъмини фаъолияти даромадноки худ зарурати қарздиҳии имтиёзноки истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ дар шароити ноустувории молиявии соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст.

3. Дар асоси омӯзиши хусусиятҳои механизми амалкунандаи қарздиҳии имтиёзноки кишоварзӣ мушкилоти асосии дар раванди қарздиҳии имтиёзноки корхонаҳои кишоварзӣ ҷойдошта муайян ва арзёбӣ карда шуда, роҳҳои муносиби ҳалли онҳо нишон дода шудаанд.

4. Таҷрибаи хориҷии қарздиҳии имтиёзноки соҳаи кишоварзӣ таҳлил карда шуда, имконияти истифодаи ҷиҳатҳои мақбули он барои беҳгардонии низоми қарздиҳии имтиёзнок ба истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ ва ҳамгироии низоми қарздиҳии имтиёзноки корхонаҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо низомҳои ҷаҳонии қарзӣ муайян карда шудааст.

5. Тасдиқ карда шудааст, ки рушди воқеии соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иқтидори захиравии он мувофиқ нест ва барои таҳкими рақобат ва имконияти содиротии истеҳсолоти кишоварзӣ тавассути дастгирии молиявии давлатӣ ва пешниҳоди қарзҳои имтиёзнок самтҳои рушди қарздиҳии

имтиёзноки корхонаҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудаанд.

6. Мушкилоти асосии ташкили низоми қарздиҳии имтиёзноки кишоварзӣ арзёбӣ карда шуда, барои ҷорӣ намудани қарзи имтиёзноки дарозмуҳлат (қарзи сармоягузорӣ) бо мақсади таҳкими иқтидори захиравӣ ва пойгоҳи техникии истеҳсолоти кишоварзӣ роҳҳои муносиби ҳалли онҳо муайян карда шудаанд.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Таҳқиқи раванди таҳаввули муносибатҳои қарзии корхонаҳои кишоварзӣ бо бонкҳо ва ҷанбаҳои асосии назариявию методологии қарзи кишоварзӣ дар асоси омӯзиши сарчашмаҳои таърихӣ, асарҳои илмӣ ва адабиёти махсус оид ба қарздиҳии кишоварзӣ, муайян кардани мухтавои иқтисодии мафҳуми қарзи кишоварзӣ, аниқ кардани мафҳумҳои дигари бо қарз вобаста, чун ҳадаф, вазифа, принсипҳо, субъект, объект ва намудҳои қарз, захираҳои қарзӣ дар алоқамандӣ бо мафҳуми механизми қарздиҳӣ.

2. Дар асоси омӯзиши вазъи муосири фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ ва арзёбии имконияти молиявии онҳо барои таъмини фаъолияти даромадноки худ зарурати қарздиҳии имтиёзноки истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ дар шароити ноустувории молиявии соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

3. Мушкилоти асосии дар раванди қарздиҳии имтиёзноки корхонаҳои кишоварзӣ ҷойдошта дар асоси омӯзиши хусусиятҳои механизми амалкунандаи қарздиҳии имтиёзноки кишоварзӣ муайян карда ва роҳҳои ҳалли онҳо нишон дода мешаванд.

4. Дар асоси омӯзиши хусусиятҳои механизми дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯз амалкунандаи қарздиҳии имтиёзноки соҳаи кишоварзӣ мушкилоти асосии дар раванди қарздиҳии имтиёзноки корхонаҳои кишоварзӣ ҷойдошта муайян ва арзёбӣ карда шуда, роҳҳои муносиби ҳалли онҳо нишон дода мешаванд.

5. Имконияти истифодаи ҷиҳатҳои мақбули таҷрибаи хориҷии қарздиҳии имтиёзноки соҳаи кишоварзӣ барои беҳгардонии низоми қарздиҳии имтиёзнок ба истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил ва арзёбӣ карда шуда, заминаҳои ҳамгироии низоми қарздиҳии имтиёзноки корхонаҳои кишоварзии ватанӣ бо низомҳои ҷаҳонии қарзӣ муайян карда мешавад.

6. Тасдиқ карда мешавад, ки ҳоло рушди воқеии соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иқтидори захиравии он мувофиқ нест, бинобар ин, барои таҳкими рақобат ва имконияти содиротии истеҳсолоти кишоварзӣ тавассути дастгирии молиявии давлатӣ самтҳои рушди қарздиҳии имтиёзноки корхонаҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешаванд.

7. Вазъи муосири таъминоти молиявию қарзии истеҳсолоти кишоварзӣ таҳлил ва арзёбӣ карда шуда, мушкилоти бо ташкили низоми қарздиҳии имтиёзноки кишоварзӣ алоқаманд муайян карда ва роҳҳои муносиби ҳалли онҳо вобаста ба ҷорӣ намудани қарзи имтиёзноки дарозмуҳлат (қарзи сармоягузорӣ) бо мақсади таҳкими иқтидори захиравӣ ва пойгоҳи техникии истеҳсолоти кишоварзӣ нишон дода мешавад.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Муқарраротн назариявии дар диссертатсия таҳияшуда метавонанд ҳамчун саҳми муҳим дар раванди ташаккул ва рушди низоми қарздиҳии имтиёзноки корхонаҳои кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муаррифӣ шаванд. Натиҷаҳои назариявии диссертатсия имконияти иҷрои таҳқиқотро дар самти ташаккул ва рушди низоми қарздиҳии имтиёзноки корхонаҳои кишоварзӣ муҳайё месозанд. Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар истифодаи муқаррарот ва тавсияҳои пешниҳодшуда аз ҷониби бонкҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳои молиявию қарзӣ барои татбиқ дар низоми қарздиҳии имтиёзноки соҳаи кишоварзӣ ифода меёбад. Татбиқи амалии муқаррароти таҳияшуда имкон медиҳад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми қарздиҳии имтёзноки соҳаи кишоварзӣ ташаккул ёбад ва дар ин асос истеҳсолоти кишоварзӣ рушд карда, сатҳи рақобатпазирии корхонаҳои кишоварзӣ баланд бардошта шавад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** бо истифодаи усулҳои махсус дар рафти иҷрои таҳқиқот, боэътимодии маълумот, ҳаҷми кифояи маводи таҳқиқшуда, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот, интишорот, маърузаҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ тасдиқ мешавад. Хулоса ва тавсияҳо бо таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалиявӣ асос ёфтаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Таҳқиқот дар доираи муҳтавои бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси илмии 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз иҷро карда шудааст: 9.1. Назария, методология, консепсияҳо ва базаи усулҳои қарзӣ ҳамчун ҷабҳаҳои пайдоиши низоми қарзӣ, 9.6. Қонунҳо ва тобеияти рушди соҳаи қарзӣ, 9.7. Таҳаввулоти муносибатхои қарзӣ; тамоюли рушди муносибгардонии қарз дар истеҳсолот ва ташкили маҳсулоти ҷамъиятӣ, 10. Бонкҳо ва ташкилотҳои қарзии дигар, 11.4. Ҳамгироии низоми пулию қарзии иқтисодиёти Тоҷикистон дар низоми бозори ҷаҳонӣ.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии муаллиф дар таҳлил ва ҷамъбаст кардан, ба низом даровардан, аниқ ва пурра кардани равишҳои назариявӣ ва амалии равандҳои ташаккул ва рушди низоми қарздиҳии имтиёзноки корхонаҳои кишоварзӣ ифода меёбад. Раванди таҳаввули муносибатҳои қарзии корхонаҳои кишоварзӣ бо бонкҳо таҳқиқ ва муҳтавои иқтисодии мафҳуми қарзи кишоварзӣ аниқ карда шудааст, зарурати

корбурди қарзи имтиёзноки кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шуда, самтҳои рушди қарздиҳии имтиёзноки корхонаҳои кишоварзӣ дар асоси дастгирии молиявӣ муайян карда шудааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои таҳқиқот дар шакли гузоришҳои илмӣ ва тавсияҳои амалӣ пешкаш гардида, дар конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявии «Иқтисодиёт, менеҷмент, молия: масъалаҳои мубрами назария ва амалия» (Пенза, 2024), «Масъалаҳои идоракунӣ ва иқтисодиёт: вазъи муосир ва мушкилоти мубрам» (Москва, 2023), «Масъалаҳои мубрами баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудит дар шароити муосир» (Душанбе, 2023), (Кӯлоб, 2023) ва дигарҳо баҳои мусбат гирифтаанд. Тавсияҳои таҳияшуда метавонанд дар амалияи қарздиҳии бонкҳои тиҷоратӣ ба корхонаҳои кишоварзӣ ба кор бурда шаванд. Муқаррароти назариявӣ ва тавсияҳои амалии таҳқиқот дар раванди таълимии зинаи бакалавриат бо самти ихтисоси «Молия ва қарз» истифода мешаванд.

**Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқот бо Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 октябри соли 2016, № 392), Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 (Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 июни соли 2021, № 441), Барномаи рушди низоми агроозуқаворӣ ва кишоварзии устувор барои давраи то соли 2030 (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.03.2023, № 54) алоқаманд мебошанд. Диссертатсия мувофиқи нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи молия ва фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии Данғара иҷро гардидааст.

**Мавҷудияти санади тасдиқкунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот.**

Санади тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот аз ҶСК “Ориёнбонк” дар ноҳияи Данғара аз 28 феврали 2025 сол №74/2 ва аз КВД БА ҶТ “Амонатбонк” дар ноҳияи Данғара аз 19 феврали соли 2025 №131-66.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Доир ба мавзуи таҳқиқот 8 мақолаи илмӣ бо ҳаҷми 4,2 ҷузъи чопӣ (аз ҷумла 3,8 ҷузъи чопӣ аз муаллиф), аз онҳо 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда ба нашр расонида шудаанд.

**Интишорот довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ аз рӯйи мавзуи диссертатсия:**

***А.* Интишорот дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон**

[1-М]. Холаҳмадзода И.Ҳ. (Тохтаров, И.Х.) Низоми қарздиҳии имтиёзноки корхонаҳои кишоварзӣ [Матн] / И.Х. Тохтаров // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2022. - № 4-2 (44). – С. 258-264

[2-М]. Холаҳмадзода И.Ҳ. (Тохтаров, И.Х.)Дастгирии давлатии қарздиҳии кишоварзӣ [Матн] / Б.Ҳ. Каримов, И.Х. Тохтаров // Паёми донишгоҳи миллии

Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. - № 12. – С. 139-148

[3-М]. Холаҳмадзода И.Ҳ. (Тохтаров, И.Х.)Қарздиҳии имтиёзноки корхонаҳои кишоварзӣ дар шароити ноустувории молиявӣ [Матн] / И.Х. Тохтаров // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2024. - № 3 (53). – С. 372-378

[4-М]. Холаҳмадзода И.Ҳ. (Тохтаров, И.Х.)Мушкилоти қарздиҳии имтиёзноки корхонаҳои кишоварзӣ ва роҳҳои ҳалли онҳо [Матн] / И.Х. Тохтаров // Паёми молия ва иқтисод. – 2024. - №4-2 (43). – С.272-278

***Б. Мақолаҳо дар дигар нашриҳо***

[5-М]. Холаҳмадзода И.Ҳ. (Тохтаров, И.Х.)Таҳлили қарздиҳии имтиёзноки бонкҳо ба соҳаи кишоварзӣ [Матн] / И.Х. Тохтаров // Масъалаҳои мубрами баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудит дар шароити муосир. Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ (Душанбе, 28 марти соли 2023). – Душанбе: ДБССТ, 2023. – 275 саҳ – С. 178-182.

[6-М]. Холаҳмадзода И.Ҳ. (Тохтаров, И.Х.)Хусусиятҳои механизми қарздиҳии имтиёзноки кишоварзӣ [Матн] / И.Х. Тохтаров // Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ (Кӯлоб). – Кӯлоб: Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, 2023. 312саҳ – С.154-159.

[7-М]. Холаҳмадзода И.Ҳ. (Тохтаров, И.Х.) Особенности формирования системы льготного кредитования предприятий аграрного сектора Республики Таджикистан [Текст] / Б.Х. Каримов, И.Х. Тохтаров // Вопросы управления и экономики: современное состояние актуальных проблем. Сборник статей по материалам LXVIII Международной научно-практической конференции (Москва, 10 февраля 2023 года). – Москва: Общество с ограниченной ответственностью «Интернаука», 2023. – С. 17-25

[8-М]. Холаҳмадзода И.Ҳ. (Тохтаров, И.Х.) Необходимость льготного кредитования сельскохозяйственных предприятий в условиях финансовой нестабильности [Текст] / И.Х. Тохтаров // Экономика, менеджмент, финансы: актуальные вопросы теории и практики. Сборник статей IV Международной научно-практической конференции (Пенза, 30 июня 2024 года). – Пенза: Наука и просвещение (ИП Гуляев Г.Ю.), 2024. – С. 50-53

**ХУЛОСА:**

1. Диссертатсияи Холаҳмадзода Искандар Холаҳмад дар мавзуи “Хусусиятҳои ташаккул ва рушди низоми қарздиҳии имтиёзноки корхонаҳои кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иктисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, кори илмии анҷомдодашуда ба ҳисоб рафта, ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли

2021, № 267; бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, № 295) ҷавобгӯ мебошад.

2. Диссертатсияи Холаҳмадзода Искандар Холаҳмад, ки дар мавзуи "Хусусиятҳои ташаккул ва рушди низоми қарздиҳии имтиёзноки корхонаҳои кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иктисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Қарор дар ҷаласаи кафедраи молия ва фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии Данғара, протоколи №8 аз 14.03.2025 қабул гардидааст. Дар ҷаласа иштирок доштанд: 17 нафар. Натиҷаҳои овоздиҳии кушод:

Тарафдор - 17 нафар,

Зид - нест,

Бетараф - нест.

**Раисикунанда:**
Мудири кафедраи молия ва фаъолияти
бонкии Донишгоҳи давлатии Данғара
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Сафаров Қ.С.

**Котиб:**
Н.и.и., дотсенти
кафедраи молия ва фаъолияти
бонкии Донишгоҳи давлатии Данғара Сабриддини С.

Имзои Сафаров Қ. С., Сабриддини С., - ро тасдиқ мекунам:

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии Данғара Тоирзода С.Т.

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН • ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ДАНҒАРА
ШУЪБАИ КАДРҲО